آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

23 июни соли 2021. Чоршанбе

№ 49 (14750)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН КОТИБИ ГЕНЕРАЛИИ ИТТИҲОДИ БАЙНИПОРЛУМОНИРО ҚАБУЛ КАРД



**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 22 июн Котиби генералии Иттиҳоди байнипорлумонӣ Мартин Чунгонгро, ки дар мамлакатамон барои иштирок дар Анҷумани байналхалқии ҳамкории ҷаҳонии байнипорлумонӣ дар татбиқи Мақсадҳои рушди барқарор қарор дорад, қабул кард.**

Масъалаҳои минбаъд васеъ намудани шарикии мамлакатамон бо ин ташкилоти байналхалқии бонуфуз баррасӣ гардиданд.

Роҳбари давлат аҳамияти идома додани гуфтугӯи муфид ва ҳамкории зич доир ба самтҳои бартаринок, мисли пеш бурдани ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва амиқсозии бозсозиҳои демократӣ, ҳимояи ҳуқуқи инсон ва таъмини баробарии ҷинсӣ, дастгирии ҷавононро таъкид намуд.

Бояд таъкид кард, ки соли 2017 Ўзбекистон иштирокі худро дар кори иттиҳод барқарор намуд ва имрӯз дар ниҳодҳои иҷроияи он комилан ваколат дорад. Имсол Олий Маҷлис ҳуҷҷати алоҳидаро дар заминаи мустаҳкамсозии муносиботи пурра бо Иттиҳоди байнипорлумонӣ қабул намуд.

Дар навбати худ Котиби генералӣ Мартин Чунгонг пешрафти назаррасро дар инкишофи парламентаризм дар мамлакатамон махсус таъкид кард, инчунин ташаббусҳои ҷаҳонии Ўзбекистонро дар ин соҳа олӣ арзёбӣ ва дастгирӣ намуд.

Дар бобати тайёрии муштарак ва баргузор намудани чандин чорабинии байналхалқӣ бо мақсади табодули васеи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ва ифшо намудани потенсиали калони ҳамкории бисёрҷанба тавофуқ ба амал омад.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон*

Хабар

## ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ ШӮРОИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

***21 июни соли 2021 ҷамъомади Шӯрои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон ба амал омад. Ба он Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева роҳбарӣ кард.***

Дар маҷлис бобати 25 июни соли 2021 даъват кардани ҷамъомади шонздаҳуми умумии Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон қарор қабул гардид.

Дар ҷамъомади умумӣ, ки дар шакли конфронси видеоӣ баргузор хоҳад шуд, баррасии як қатор масъалаҳо пешбинӣ шудааст. Дар байни онҳо масъалаҳои такмил додани фаъолияти Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон дар соҳаи таъмин сохтани ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар мақомоти давлатӣ, таъсис додани Кумитаи оид ба масъалаҳои сиёсати ахбор ва таъмин намудани ошкорбаёнӣ дар мақомоти давлатии Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон мавҷуданд.

Ғайр аз ин муҳокимаи қонунҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи омори расмӣ», «Дар бораи озодии виҷдон ва созмонҳои динӣ», «Дар бораи судҳо», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон», «Дар бораи Буҷаи давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон барои соли 2021», «Дар бораи ворид кардани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунгузории Ҷумҳурии Ўзбекистон вобаста ба минбаъд такмил додани тартиби аксуламал ба даромадҳои легалӣ, ки аз фаъолияти ҷиноятkорона ба даст омадаанд» пешбинӣ мегарданд.

Баробари ин баррасии масъала дар бораи тағйир додани сарҳади ноҳияҳои Оққӯрғон, Оҳангарон, Бекобод, Бӯстонлиқ, Бӯка, Зангиота, Чирчиқи Боло, Қибрай, Паркент, Пскент, Чирчиқи Миёна, Янгийӯл ва шаҳрҳои Олмалиқ, Чирчиқ, Ангрен, Янгийӯл, Бекободи вилояти Тошканд ба нақша гирифта шудааст.

Ғайр аз ин муҳокимаи масъала бинобар ба Девони Вазирон равона кардани пурсишҳои парлумонӣ дар бораи чораҳои андешидашуда бобати рушди соҳаи донории хун, таъсири нораасоиҳое, ки дар иншооти тозакунии канализатсионии ҳудуди ҷумҳурӣ ба миён меоянд, ба муҳити атроф ва саломатии аҳолӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳамчунин баррасии натиҷаҳои пурсиши парлумонӣ, ки ба Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон дар бораи коре, ки бобати муваффақ шудан ба мақсадҳои фароҳам овардани инфрасохтор татбиқ мегарданд, кӯмакрасонӣ ба саноатикунонӣ ва инноватсияҳое, ки дар Ҳадафҳо ва вазифаҳои миллӣ дар соҳаи рушди устувор дар давраи то соли 2030-юм татбиқ мегарданд ва масъалаҳои дигар дар назар дошта шудааст.

Ғайр аз ин муҳокимаи натиҷаҳои омӯзиш, ки аз ҷониби Сенати Олий Маҷлис ва Комиссияи ҷумҳуриявӣ доир ба ҳаллу фасли муназзами мушкилоти занон вобаста ба ҳолат дар маҳаллаҳо, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои занон, дастгирии соҳибкорӣ, таъмин кардани шуғли аҳолӣ, беҳтар намудани муносибатҳои оилавӣ ва иҷрои чораҳои пешбинишуда дар соҳаи мазкур пешбинӣ гардидааст.

**ЎзА.**

***Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева бо Котиби генералии Иттиҳоди байнипарлумонӣ Мартин Чунгонг, ки барои иштирок дар анҷумани байналхалқии «Ҳамкории ҷаҳонии байнипарлумонӣ барои муваффақ шудан ба мақсадҳои рушди устувор» ба кишвари мо омадааст, вохӯрд.***

## МУЛОҚОТ БО КОТИБИ ГЕНЕРАЛИИ ИТТИҲОДИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ

Дар мулоқот корҳое, ки дар мамлакати мо бинобар муваффақ шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор, таъмин сохтани ҳуқуқҳои инсон ва баробарии гендерӣ татбиқ мешаванд, баррасӣ шуданд.

Котиби генералии Иттиҳоди байнипарлумонӣ ба ислоҳоте, ки дар Ўзбекистон амалӣ мешаванд, баҳои баланд дод. Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёевро дар бораи қабул гардидани баённомаи махсуси Ассамблеяи Генералии СММ оид ба баланд бардоштани нақши парлумонҳо бинобар муваффақ шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор ва таъмин сохтани ҳуқуқи инсон, ки аз минбари баланди иҷлосияи 75-умини Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид садо доданд, махсус зикр намуд.

Меҳмони олиқадр дар бораи зарурияти анҷумани байналхалқӣ дар мавзӯи «Ҳамкории ҷаҳонии байнипарлумонӣ барои муваффақ шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор», ки дар Бухоро баргузор мегардад, фикру андешаҳои худро изҳор кард.

Дар вохӯрӣ масъалаҳои ҳамкории байни Ўзбекистон ва Иттиҳоди байнипарлумонӣ баррасӣ гардиданд. Комёбиҳои кишвари мо бинобар Ҳадафҳои рушди устувор, ҳамкории парлумон бо мақомоти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, таъмин сохтани баробарии гендерӣ таъкид гардид.

– Иштироки фаъоли Ўзбекистон дар фаъолияти Иттиҳоди байнипарлумонӣ сазовори эътирофи алоҳида аст, – гуфт Мартин Чунгонг.

Дар мулоқот қайд гардид, ки ба иҷрои амалии баённома ва қарорҳои СММ, рушди ҳамкорӣ бинобар татбиқсозии онҳо эътибори махсус дода мешавад. Таъкид шуд, вазифаҳое, ки дар Стратегияи амалиёт доир ба панҷ самти бартариноки рушди Ҷумҳурии Ўзбекистон муайян шудаанд, ба Ҳадафҳои рушди устувори СММ куллан мувофиқат мекунанд. Дар вохӯрӣ ҳамчунин масъалаҳои дигаре, ки ба ҳамкории байни Ўзбекистон ва Иттиҳоди байнипарлумонӣ алоқаманд мебошанд, муҳокима гардиданд.

**Беҳрӯз ХУДОЙБЕРДИЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

## ҲАМКОРИИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ БОБАТИ МУВАФФАҚ ШУДАН БА ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР

***Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ)-и Созмони Милали Муттаҳид ба ҳифзи инсоният ва баланд бардоштани некӯҳолии ӯ нигаронида шудааст, ки як навъ даъват барои ҳамраъйии амалиёт дар самти мазкур мебошад.***

Тавре ки маълум аст, парлумони ҳама гуна мамлакат ба ҷараёни пешрафти он нақши бузург мебозад. Аз ин нуқтаи назар беҳуда нест, ки 23-24 июн дар Бухоро анҷумани байналхалқӣ бахшида ба ҳамкории ҷаҳонии байнипарлумонӣ бобати муваффақ шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор баргузор мегардад.

Аз ҷумла Ўзбекистон муътақиди қатъии муваффақшавӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор аст. Ба Стратегияи амалиёте, ки бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев тасдиқ гардиду тӯли солҳои 2017-2021 амалӣ мегардад, метавон ба сифати барномаи миллие баҳо дод, ки ба татбиқ намудани Ҳадафҳои рушди устувори аз ҷониби СММ қабулгардида нигаронида шудааст. Панҷ самти бартариноки Стратегияи амалиёт куллан бо 16 пешниҳоди ҲРУ мувофиқат мекунанд.

Соли 2018 аз ҷониби ҳукумати Ўзбекистон 127 вазифа тасдиқ карда шуд, ки барои то соли 2030-юм татбиқ сохтани мақсадҳои вобаста ба рушди устувор пешбинӣ гардидааст. «Харитаи амалиёт» бинобар татбиқ сохтани мақсад ва вазифаҳои миллӣ қабул гардид. Бо сарварии муовини Сарвазир Шӯрои мутобиқсозӣ ташкил карда шуд. Ҳамчунин Комиссияи оид ба масъалаҳои таъмин намудани баробарии гендерӣ ва Шӯрои миллӣ оид ба аксуламал ба тамаъгарӣ таъсис ёфтанд, ки дар фаъолияти онҳо аъзои парлумон иштирок мекунанд. Ба шарофати дастгирии палатаҳои парлумон фаъолияти Парлумони ҷавонон ба роҳ монда шуд.

Соли 2020-ум Комиссияи парлумонӣ оид ба назорати татбиқсозии мақсад ва вазифаҳои миллӣ дар соҳаи рушди устувор таъсис ёфт. Дар кори он имконияти беш аз 6600 депутати Шӯроҳои маҳаллӣ истифода мешаванд. Фаъолияти комиссияи мазкур ба назорати доимии татбиқсозии мақсадҳо дар соҳаи рушди устувор ҳам дар дараҷаи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ нигаронида шудааст.

22 июни соли 2020 Стратегияи миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба ҳуқуқҳои инсон қабул гардид, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла мақомоти оинномавӣ ва кумитаҳои шартномавии СММ тасдиқ шудааст. Ҳоли ҳозир фаъолияти мустақими Комиссияи парлумонӣ оид ба риоя кардани ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон татбиқ мегардад.

Моҳи июли соли 2020 Ўзбекистон ба сафи 49 давлате, ки бобати иҷрои мақсад ва вазифаҳои миллӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон Маълумоти ихтиёрии миллиро пешниҳод кардаанд, ворид шуд. Дар шароити кунунии пандемия Ҳадафҳои рушди устувор беш аз пеш ҷиҳати рӯзмарра пайдо мекунанд. Зеро ҷаҳон алҳол бӯҳрони бинобар миқёси худ бузургеро, ки тайи 50 соли охир вуҷуд надошт, аз сар мегузаронад.

Дар анҷуман аъзои парлумон, вакилони созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва байнипарлумонӣ, идораҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва муассисаҳои давлатӣ иштирок мекунанд. Ҳамчунин 30 раис аз Парлумони Аврупо, Канада, Британияи Кабир, Олмон, Фаронса, Италия, Испания, Латвия, Булғория, Ҷумҳурии Куриё, Чин, Ҷопон, Индонезия, Малайзия, Таиланд, Туркия, Эрон, Озарбойҷон, Афғонистон, Қирғизистон ва созмонҳои байналхалқӣ ширкат меварзанд. Аз ҷумла, котиби генералии Иттиҳоди байнипарлумонӣ изҳор дошт, ки дар ин анҷуман иштирок мекунад, вай бори аввал ба кишвари мо меояд.

Қайд гардид, ки анҷумани дар Бухоро баргузоршаванда барои парлумонҳои ҷаҳон баҳри фаъолтар кардани баррасиҳо ва коркарди баённомаи махсуси Ассамблеяи Генералии СММ дар бораи баланд бардоштани нақши парлумонҳо бобати муваффақ шудан ба ҲРУ ва таъмин сохтани ҳуқуқи инсон, ки аз ҷониби Президент Шавкат Мирзиёев дар иҷлосияи 75-уми Ассамблеяи Генералии СММ пешниҳод гардид, имконияти хуб ба шумор меравад.

Тавре ки коргузори доимии СММ дар Ўзбекистон Ҳелен Фрейзер таъкид мекунад, СММ анҷумани байналхалқиро, ки ба масъалаҳои ҳамкории ҷаҳонии байнипарлумонӣ дар соҳаи муваффақ шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор бахшида мешавад, бо қаноатмандӣ дастгирӣ менамояд. Раисони ҳар ду палатаи парлумон дар тайёрӣ ва баргузории анҷумани мазкур саҳми сазовор гузоштанд. Бо иштироки намояндагони парлумони як қатор кишварҳо вай барои табодули таҷрибаи тарафайн имконияти хуб фароҳам меоварад. Дар ин ҷараён фаъолияти Парлумони ҷавонон хеле муҳим мебошад.

Дар Ҳафтаи рушди устувор, ки ба қарибӣ ба вуқӯъ омад, 47 мутахассиси СММ ва Бонки умумиҷаҳонӣ ширкат ҷустанд. Як қатор мулоқотҳо баргузор шуданд. Ин натиҷаи ҳамкории қарини байни Ўзбекистон ва СММ мебошад.

Инҳо самтҳои асосии мавзӯи анҷумани байналхалқӣ мебошад: нақши парлумон дар таъмин сохтани иҷрои самарабахши мақсадҳо дар соҳаи рушди устувор, бо маблағ таъмин сохтани чорабиниҳо бобати татбиқсозии мақсадҳо дар соҳаи рушди устувор, ташаккул додани нишондиҳандаҳои омории Ҳадафҳои рушди устувор, иштироки идораҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва ҷомеаҳо бинобар татбиқ намудани Ҳадафҳои рушди устувор, моҳияти назорати парлумонӣ, мониторинг ва баҳодиҳӣ ба татбиқсозии мақсадҳо дар соҳаи рушди устувор, пешбурди мулоқоти байналхалқӣ ва ҳамкории умумии байни парлумонҳои ҷаҳон дар роҳи рушди устувор.

– Кори асосии мо бобати татбиқсозии Ҳадафҳои рушди устувор ба беҳтар кардани ҳаёти инсон нигаронида шудааст, –мегӯяд Раиси Сенати Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои занон ва баробарии гендерӣ Малика Қодирхонова. – Он чиз аҳамияти назаррас дорад, ки давраи татбиқсозии ҲРУ бо даврони татбиқсозии Стратегияи амалиёт бинобар панҷ самти бартариноки рушди Ҷумҳурии Ўзбекистон дар солҳои 2017-2021 мувофиқ аст. Ҳадафи аввалини рушди устувор ин коҳиш додани камтаъминии аҳолӣ мебошад. Агар нишондиҳандаи мазкур дар соли 2015-ум 12,8 фоизро ташкил дода бошад, ҳоли ҳозир вай 11 фоиз кам гардид. Мақсади чаҳорум ин таъмин кардани таълими васеъмиқёс ва босифат аст. Агар соли 2017-ум дараҷаи фарогирии кӯдакон ба таълими томактабӣ 25,4 фоизро ташкил дода бошад, ҳоло ин нишондиҳанда аз 60 фоиз зиёд мебошад. Дараҷаи санитарӣ, таъминоти оби марказонидашудаи аҳолӣ дар соли 2017-ум 64,5 фоизро ташкил медод, алҳол он ба 67,8 фоиз баробар аст.

Бинобар натиҷаи анҷумани ҷаҳонӣ қабул кардани Баённомаи Бухоро дар бораи ҳамкории ҷаҳонии байнипарлумонӣ бинобар муваффақ шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор пешбинӣ гардидааст. Яъне парлумонҳои дар анҷуман иштирокдошта барои муваффақ шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор ба дӯши худ ӯҳдадории муайяне мегиранд.

**Нурулло НАСРИЕВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

Фикри депутат

## ЗАМИН – РӮЗИРАСОНИ ХАЛҚ

***Солҳои охир дар мамлакати мо доир ба хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла ҷудо ва тақсим кардани замин ислоҳоти зиёд амалӣ шуданд. Дар ҷамъомади видеоселекторие, ки аз ҷониби роҳбари давлат гузаронида шуд, низ дар бораи ҷорӣ кардани тартиби барои ҳама баробар, шаффоф ва хоси тамоилҳои бозаргонӣ, таъмин сохтани барқарории муносибатҳои оид ба замин, мулк, ҳуқуқ ва ҳифзи замин сухан рафт.***

Аз ислоҳоте, ки дар соҳа татбиқ мегарданд, пеш аз ҳама одамони оддӣ, халқамон манфиатдор мешаванд. Зеро минбаъд замин танҳо аз тариқи музояда дода шуда, дар ин бобат пеши роҳи ҳолатҳои хешу ҷӯрабозӣ ва тамаъгарӣ гирифта, ба қонунвайронкуниҳои вобаста ба замин садд гузошта хоҳад шуд.

Мувофиқи фармон бобати пурқувват кардани назорати тақсимкунии замин ва истифодаи он як қатор тадбирҳо ҷорӣ карда мешаванд. Аз ҷумла, ҳуқуқҳои вобаста ба замин ихтисор гардида, ҳуқуқи истифодаи умрбодии замин бекор карда мешавад, амалиёти тақсим кардани замин барои ҳуқуқи истифодаи муваққатӣ пурра барҳам мехурад, ба секторҳои хусусӣ ҳуқуқи мулк ва иҷора дода, барои ташкилотҳои давлатӣ ҳуқуқҳои истифодаи доимӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Дигаргунии асосӣ аз 1 августи соли равон куллан бекор гардидани ваколати аз ҷониби ҳокимон додани замин мебошад. Ҳамчунин минбаъд ба онҳое, ки манзилашон ба руйхати вайроншавӣ афтодаанд, ба оилаҳои камтаъмин замин бепул дода намешавад, баръакс тартиби сарпуркунии хароҷот аз тариқи музояда замин ҷорӣ мегардад.

Дар тақсим кардани заминҳои кишоварзӣ тартиби нав ҷорӣ хоҳад шуд. Замин барои тамоми шаҳрвандон ва ташкилотҳо дар асоси музояда кушод дода мешавад. То имрӯз мувофиқи қонунгузории дарамал замин ба хоҷагиҳои деҳқонӣ бидуни музояда дода мешуд.

Бобати ҷудо кардани замин ва истифодаи он назорат пурзӯр мегардад. Минбаъд натиҷаи музояда кушод бинобар иҷораи заминҳои кишоварзӣ бо қарори ҳоким тасдиқ карда хоҳад шуд. Ҳамчунин шартномаи иҷора дар байни ҳокими ноҳия ва шахсе, ки бо музояда ғолиби гирифтани замин шудааст, дар шакли электронӣ тартиб дода мешавад.

Дар садорати адлияи вилоятҳо тартиби аз экспертиза гузаронидани қарори ҳокими вилоят дар бораи замин ҷорӣ мегардад. Ғайр аз ин ба роҳ мондани назорати ҷамъиятӣ низ дар назар дошта шудааст, шаҳрвандоне, ки дар бораи ҳолатҳои вайрон шудани ҳуқуқ хабар медиҳанд, рағбатнок карда мешаванд. Мақомоти кадастр, адлия, прокуратура бинобар аз ҷониби ҳокимон ҷудо кардани замин назорати давлатӣ ҷорӣ мекунанд.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ЗАМИН – РӮЗИРАСОНИ ХАЛҚ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз ҳамаи ин бармеояд, ки қонуни ҷавобгарӣ бинобар вайронкунии ҳуқуқ дар соҳаи замин қатъиян пурзӯр мегардад. Барои заминҳое, ки бар хилофи қонун азхуд карда шудаанд ва дар ин бобат хабар дода нашудааст, барои бо энергияи электр, шабакаҳои газ бар хилофи қонун вобаста кардани ин иншоот ҷавобгарии нави маъмурӣ пешбинӣ мегардад. Шахсоне, ки заминҳои обёришавандаро худсарона, ғайриқонунӣ азхуд кардаанд, бевосита ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешаванд. Ҳоли ҳозир барои чунин ҳолатҳо баъд аз ҷавобгарии маъмурӣ ҷавобгарии ҷиноӣ пешбинӣ шуда буд.

Баробари ин, ба ходимони кадастр низ ваколатҳои зиёд, аз ҷумла ваколати таъин кардани ҷаримаҳои маъмурӣ дар соҳаи замин дода хоҳад шуд. Барои бар хилофи қонун фурӯхтани замин ҷавобгарии нави ҷиноӣ ворид карда мешавад. Бинобар ин барои ба қонунҳоямон дохил кардани тағйирот ва иловаҳо дар назди депутатҳои Палатаи қонунгузорӣ вазифаҳои зиёд истодаанд.

Роҳбари давлат дар ҷамъомади видеоселекторие, ки вобаста ба таъмин сохтани шуғли аҳолӣ ва фаровонҳолии ӯ баргузор кард, изҳор дошт, ки нархи навои бозорҳоро ба соҳибкорон бо роҳи иҷборӣ не, балки бо тарзи номгӯйи маҳсулотҳоро зиёд кардан коҳиш додан зарур аст. Дар замири ин суханҳо мазмуну моҳияти зиёд ҳаст.

Минбаъд заминҳои аз ғалла холишударо ба аҳолии бекор додан ва бад-ин тариқ бехатарии хӯроквориву барқарории нархро дар бозорҳо нигоҳ доштан, ҳамчунин таъмин кардани шуғли аҳолии бекор ба сифати вазифаҳои аввалиндараҷа мушаххас карда шуданд. Боз як ҷиҳати муҳим, минбаъд замин ба соҳиби ҳақиқии худ ба муддати 10 сол дар ҳаҷми 25 сотих ба иҷора дода мешавад.

Хулоса, фармони Президенти мамлакат «Дар бораи баробариву таъмин кардани шаффофият дар муносибат бо замин, ҳифзи боварибахши ҳуқуқ оид ба замин ва табдил додани онҳо ба сармояҳои бозаргонӣ» барои пешгирӣ кардани қонунвайронкуниҳои вобаста ба замин, як хел ба тартиби шаффоф тақсим кардани замин барои ҳама хидмат хоҳад кард.

**Мавҷуда ҲАСАНОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**



## Супоришҳои Президент дар амал

# ДАР НАМАНГОН «ХОНАИ САХОВАТ»-И НАВ БА ИСТИФОДА СУПУРДА ШУД

**Дар ҳудуди мавзеи «Орзу»-и ноҳияи Давлатободи шаҳри Намангон «Хонаи саховат»-и нави дорои 120 ҷой дар муҳлати чаҳор моҳ сохта, ба истифода супурда шуд.**



Ба ин муносибат маросими тантанавӣ ба вуқӯъ омад, ки дар он ҳокими вилояти Намангон, узви Сенати Олий Маҷлис Шавкат Абдураззоқов, директори Агентии пешбурди хидматҳои тиббиву иҷтимоии ҷумҳурӣ Алишер Инақов иштирок карданд ва ба сухан баромада таъкид намуданд, ки маскани мазкур 14 нафар ҳамватанонамон – пирони танҳо ва маъюбро ба оғӯш гирифта, ҳамчун муассисаи иҷтимоӣ ба онҳо ғамхориву меҳрубонӣ зоҳир мекунад.

Бояд қайд кард, ки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 18-19 феврали соли ҷорӣ ҳангоми сафараш ба вилоят аз ин «Хонаи саховат», ки дар қисми шимолии маркази вилоят ҷойгир буда, аҳволи абгор дошт, боздид намуда, бо шароите, ки дар ин ҷо мавҷуданд, шинос гардид ва бинобар он ки бинои мазкур қариб чил сол муқаддам сохта шуда, ҳоли ҳозир ҳоли хароб дорад, барои пирони танҳо бунёд кардани маҷмӯаи навро пешниҳод карда буд.

Дар фурсати кӯтоҳ мувофиқи тавсия ва кӯмакҳои амалии роҳбари давлат дар мавзеи барҳаво маскани нави замонавии дорои тамоми қулаиҳо қомат афрохт. Дар бинои маъмурӣ, манзили зист корҳои пардоздиҳӣ амалӣ шуданд, шабакаҳои электрӣ, техникаи санитарӣ, гармидиҳӣ нав гардиданд. Бинои нави сеошёна ва иншооти дигари хоҷагӣ сохта шуданд. Дар бинои маъмурӣ барои шаҳрвандоне, ки ба муассиса муроҷиат мекунанд, қабулхонаҳои махсуси бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳазшуда ба кор сар карданд.

Дар чаҳор коттеҷи «Хонаи саховат»-и нав барои ҳар кадом сокин хонаҳои махсус ҷудо карда шудааст, онҳо бо телевизор, яхдон, душ ва дигар воситаҳои зарури зиндагӣ муҷаҳҳаз мебошанд. Хонаҳои муолиҷа ва физиотерапия, ҳавз, толори машқ, ошхонаи дорои 120 ҷойи нишаст, барои аз бино берун набаромада саломатии худро барқарор кардани бошандагони он хидмат мекунанд. Ғайр аз ин, барои истироҳати хуби пирон толори дамгирӣ ва китобхонае, ки дорои 1200 адабиёт мебошад, ташкил гардидааст. Барои корҳои сохтмони бинои мазкур 18 миллиарду 300 миллион сӯмина маблағ харҷ шуд.

– Ёд дорам, чор моҳ пеш аз ин Президент ба маскане, ки дар он ғарибона зисту зиндагӣ мекардем, ташриф оварда гуфта буд: «Барои ман ҳар як шаҳрванди Ӯзбекистон азиз мебошад. Нисбати шумо корҳои ҳифзи иҷтимоиро беҳтар мекунем. Барои «Хонаи саховат» бинои нав сохта хоҳад шуд. Шумо дар шароити хуб зиндагӣ мекунед ва табобат мегиред», – мегӯяд яке аз сокинони он, Каримҷон Юсупови 73-сола. – Ваъдаи роҳбари давлатамон дар муддати муайяншуда иҷро гардид. Мо ба хонаи нави худ омада, хеле хушнуд шудем. Шароит аз он чи мо интизор будем, чандин маротиба беҳтар аст. Ба Президентамон ҳазор ташаккур!

Дар чорабинии тантанавӣ ҳамчун ифодаи меҳру мурувват, саховат ва суннатҳои инсонпарварии халқамон ба ҷамоаи «Хонаи саховат» туҳфаи Президент – калиди автобуси «Isuzu» супурда шуд.

**Оқилхон ДАДАБОЕВ,**
**хабарнигори ЎзА.**



# ҒАЛЛАКОРОНИ БЕШАРИҚ МАРРАРО ФАТҲ НАМУДАНД

***Кишоварзони ноҳияи Бешариқ яке аз аввалинҳо дар вилояти Фарғона ба фатҳи марраи ғалласупорӣ имзо гузоштанд. Онҳо супоришоти ба давлат фурӯхтани ғалларо сарбаландона иҷро карданд.***

– Ба туфайли ислоҳоти амиқи соҳаи аграрӣ натиҷаҳои кишоварзони ноҳияи мо низ сол аз сол афзоиш меёбад. Имсол деҳқонони мо дар майдони 9 ҳазору 45 гектар тухми ғалла коштанд ва ба ҷойи 21 ҳазору 98 тонна ба хирмани Ватан беш аз 22 ҳазору 400 тонна ғаллаи хушсифат рехтанд, – мегӯяд ҳокими ноҳия Расулҷон Ҷӯраев.

Соли равон 189 хоҷагии фермерӣ, 3 кластери ғалла ва кооператсия аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна 60 сентнерӣ ҳосили ғалла ба даст оварданд. Дар баъзе хоҷагиҳои фермерӣ натиҷаи ҳосил то 85-90 сентнерӣ расид.

Кластерҳои ғаллаи “Ояндаи Қосимбой”, “Турдиев Ҳамзалӣ Турдиевич” ва хоҷагиҳои фермерии “Ғафурҷон Набиев”, “Толибҷон Маҳмудов”, “Фарҳод Худойбердиев”, “Абдурашид Умаров”, “Инъомҷон Абдумаликов” аз зумраи пешқадамон ба шумор меравд.

Ногуфта намонад, ки дарави ғалла дар саҳроҳои ноҳияи Бешариқ ҳанӯз идома дорад.

**Отабек АЛИМАТОВ.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## Фармон ва иҷро

# РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ – ТАЛАБИ ДАВР

***Рушди ҷомеа ва кишварро бидуни дониш ва маърифат тасаввур кардан душвор аст. Юсуф Хос Ҳоҷиб дар китоби «Қутадғу билиг» овардааст: «Одами беилм дарахти бесамар аст, дарахти бесамарро одами гурусна чӣ кунад?», ки то куҷо рӯзмарра ва муҳим будани мавқеи илму маърифатро нишон медиҳад.***

Дар кишварамон ба илм ва маориф таваҷҷӯҳи махсус дода, ба ин васила ба рӯзнома гузошта шудани рушди иқтисодиёти рақамӣ зарурати рӯз аст. Зеро, сарвати бузургтарин — ақлу дониш ва илм, бузургтарин мерос — тарбияи хуб, камбағалтарин кас — шахси беилм.

Иқтисодиёти рақамӣ чист? Он ҳамчун низоми ягонаи татбиқи амалии алоқаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тавассути истифодаи технологияҳои рақамӣ баррасӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат он маънои ба воситаи офаридани технологияҳо, платформаҳо ва моделҳои нави иқтисодиёти рақамӣ ва ба ҳаёти ҳаррӯза татбиқ кардани онҳо ба низоми нав кӯчондани иқтисодиёти мавҷударо дорад.

Солҳои охир Президент бо мақсади татбиқи тадбирҳои азими давлат оид ба рушди сектори иқтисодиёти рақамӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқиро ба имзо расонд.

Ба туфайли аз нақшаи рушдиояндаи кишвар муҳим ҷой гирифтани ба таври васеъ ҷорӣ кардани иқтисодиёти рақамӣ ва дастгирии он доираи васеи тадбирҳо оид ба рушди сектори иқтисодиёти рақамӣ муайян карда шуданд ва баҳри иҷрои вазифаҳои мазкур дар мамлакат низоми нави табодули электронии ҳуҷҷат ҷорӣ гардида, пардохтҳои электронӣ ривоҷ меёбанд. Пойгоҳи меъёриву ҳуқуқии соҳаи тиҷорати электронӣ такмил ёфта, инфрасохтори электронӣ ва тиҷорат ташаккул меёбанд ва гузариш ба трансформатсияи рақамӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт зина ба зина ба амал бароварда мешавад.

Дар баробари корҳои оид ба татбиқи трансформатсияи рақамӣ тӯли солҳои охир баамаловардашуда ба мақсади рушди минбаъдаи шаклҳои муошимрати бидуни робитаи субъектҳои соҳибкорӣ бо мақомоти давлатӣ версияи нави Портали ягонаи интерактиви хидматрасонии давлатӣ, қабули виртуалии Сарвазир оид ба баррасии муроҷиатҳои соҳибкорон «business.gov.uz» ба кор дароварда шуд.

Фонди «Эътимоди рақамӣ», ки барои татбиқи чорабиниҳо дар соҳаи коркард ва ҷорӣ кардани лоиҳаҳои умедбахш ва аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, инчунин технологияҳои блокчейн оид ба рушди иқтисодиёти рақамӣ нигаронда шудааст, ташкил карда шуд.

Ба мақсади сарфаи назарраси вақт ва захираҳои меҳнатӣ барои баррасии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби ҳамаи вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии манфиатдор барои ба даст овардани созиш бо истифодаи имзои электронии рақамӣ, аз ҷумла муҳокимаи ҳамзамони ҷомеа ва коршиносон ва фавран фиристодани лоиҳа Низоми ягонаи электронии «project. gov.uz» ҷорӣ карда шуд.

Бо мақсади рақамӣ гардондани равандҳои технологӣ ва тиҷоратии иқтисодиёти рақамӣ, истеҳсолот, логистика ва савдои маҳсулоти тайёр дар кишвар «IT-паркҳо»-и дорои инфрасохтори замонавӣ ташкил дода шудаанд. Фаъолияти озоди ширкатҳо дар соҳаи крипто-активҳо ва технологияҳои блокчейн ба роҳ монда шуд.

Бо мақсади тайёр кардани кадрҳо дар мамлакати мо, ки технологияҳои замонавии барномасозиро аз худ кардаанд, лоиҳаи «Як миллион барномасоз» таҳия карда шуд ва барои ташкили машғулотҳо дар доираи лоиҳа портали uzbekcoders.uz ба кор дароварда шуд.

Соли гузашта дар мамлакат «Соли илм, маърифат ва рушди иқтисодиёти рақамӣ» эълон карда шуд ва кор дар ин самт ба сатҳи нав баромад. Бо фармони Президент бинобар стратегияи «Ӯзбекистони рақамӣ — 2030»-и мамлакат ва «Харитаи роҳ» оид ба татбиқи он тасдиқ гардид.

Дар рушди иқтисодиёти рақамӣ, пеш аз ҳама, такмил додани инфрасохтори телекоммуникатсионӣ ва инфрасохтори электронӣ аҳамияти махсус дорад.

Албатта, сатҳи истифода аз Интернет дар аҳолӣ ҳар қадар баланд бошад, низоми иқтисодиёти рақамӣ, аз ҷумла, ҳукумати электронӣ ҳамон қадар самарабахштар хоҳад буд. Шумораи корбарони Интернет дар кишвар нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ дар соли 2018 46 фоизро ташкил дода бошад, дар соли 2021 ин нишондиҳанда аз 60 фоиз зиёдро ташкил медиҳад.

Дар воқеият дида мешавад, ки дар кишварҳое, ки иқтисодиёти рақамӣ рушд ёфтааст, низ ҳаҷми ММД, ҳам ҳиссаи ММД ба сари аҳолӣ баланд аст. Аз ин нуқтаи назар, дар мамлакати мо эътибор ба ин масъала мақсади ягонаро пешбинӣ менамояд, ки ин ҳам бошад, беҳбуди шароити зиндагии аҳолӣ, афзоиши даромади воқеӣ, инчунин рушди соҳибкорӣ ва иқтисодиёти кишварамон мебошад.

Технологияҳои рақамӣ на танҳо сифати маҳсулот ва хидматҳоро беҳтар мекунанд, балки хароҷоти зиёдатиро кам мекунанд. Ҳамзамон, он як воситаи муассир дар рафъи балои фасод ба ҳисоб меравад.

Ин рақамисозӣ на танҳо аз он ҷиҳат муҳим аст, ки он сарфа ва самаранокии соҳаҳои иқтисодиётро таъмин мекунад, балки ҳамчун воситаи муассири мубориза бо коррупсия ва «иқтисодиёти сиёҳ» низ мебошад. Хулоса, рушди иқтисодиёти рақамӣ бо он аҳамияти алоҳида дорад, ки яке аз василаҳои асосии бунёди давлати демократӣ бо иқтисоди қавии иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисоди бозорӣ ва беҳтар намудани муҳити тиҷорат дар кишвар, қулайиҳои васеъ фароҳам овардан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва сода гардондани пешбарии он, ба татбиқи ғояҳои нави инноватсионӣ хидмат мекунад.

**Бегзод МИРЗОЕВ,**
**нозири пешбари дастгоҳи ваколатдори оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои соҳибкории назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**
**ЎзА.**

# ЗАФАРИ ҒАЛЛАКОРОНИ НОҲИЯИ ОЛОТ

***Мардуми шуҷоатманди ноҳияи Олот асоратҳои офати табиирo мардонавор паси сар намуда, баҳри иҷрои ӯҳдадориҳо масъулиятшиносона меҳнат мекунанд. Кирмакпарварони диловари ноҳия имсол ба давлат ба ҷойи 187 тоннаи пешбинишуда 198 тонна пилла супорида, супоришоти солонаро барзиёд иҷро карда буданд. Ҳоло ғаллакорони ноҳия ба қавли худ вафо намуданд.***

Онҳо фасли тирамоҳ дар 5006 гектар майдон гандум корида, ба парвариши он эътибори ҷудогона доданд. Риояи қатъии қоидаҳои агротехникӣ, саривақт ба сомон расондани корҳои мавсимӣ ва чорабиниҳои зарурӣ, аз қабили мубориза бо ҳашароти зараррасон ва маҳв сохтани алафи бегона барин омилҳо боиси фароҳам омадани ҳосили фаровон шуд. Чорабиниҳои оқилона бобати беталаф гузаронидани мавсими дарав имконият дод, ки дар муддати кӯтоҳ ба давлат 11 ҳазору 317 тонна гандум супорида, нақшаи шартномавӣ 102 фоиз иҷро гардад. Мувофиқи шартнома ба ҶС «Қарокӯлдон» низ 10 ҳазору 450 тонна ғалла ва 867 тонна гандуми тухмӣ расонда дода шуд. Ҳосилнокии майдонҳо ба ҳисоби миёна ба 55 сентнерӣ рост омад. Дар хоҷагиҳои фермерии «Олтин тупроқ», «Фаёз, Хушнуд файз», «Карим Раҳим», «Бозор Жаббиев», «Усмон Раҳим» ва ғайра ҳосилнокӣ аз 80 сентнерӣ гузашт. Имрӯз аз 182 хоҷагии фермерӣ 131-тоаш супоришоти солонаро иҷро кард. Ҳоло дар ноҳия зиёда аз 2 ҳазор гектар гандумзори даравиданашуда мавҷуд аст. Майдонҳои аз дарав баромада бо мақсади кишти такрорӣ ба бекорон ва эҳтиёҷмандон дода мешавад. Аз ҷумла, ба 1906 нафар шаҳрвандон додани ин қитъаҳо барои рӯёндани маҳсулоти полиз ва зироати дупаллагӣ ба нақша даромадааст.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ЧАРОҒҲО ҲАНӮЗ ФУРӮЗОН

***Дар маҷмӯи хотираи «Қабристони бародарӣ» воқеъ дар Тошканд аксияи анъанавии «Чароғи ёдбуд» бо иштироки онҳое, ки ба даҳшатноктарин набард дар таърихи инсоният бефарқ нестанд, баргузор гардид.***

Дар ин ҷо намояндагони ҳайатҳои дипломатӣ, марказҳои фарҳангӣ, ихтиёриён ва меҳмонони пойтахт гирд омаданд, то хотири қурбониёни ҷангро пос доранд, арзи эҳтиром намоянд.

Инсоният ҷангҳои бисёр дид, аммо ин гуна фоҷиаи мудҳишро аз сар нагузаронда буд. Дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (1939-1945) 72 давлати хурду бузурги олам иштирок кард, доманаи амалиётҳои ҳарбӣ дар қаламрави 40 давлати ҷаҳон вусъат ёфт. Ҷанг ба хазон шудани умри бештар аз 50 миллион нафар сабаб шуд, садҳо миллион нафар аҳолии мамлакатҳое, ки ба гирдоби ҷанг кашида шуда буданд, ба маҳрумият ва азоби тоқатшикан гирифтор гаштанд.

Ҷанг ба Ӯзбекистон низ соя андохт. Назар ба маълумотҳо, аз Ӯзбекистон якуним миллион нафар ба фронт сафарбар гардиданд. Аз онҳо танҳо ним миллион ба диёр баргашт.

Талафоти калон овард ҷанги хонумонсӯз. Чӣ қадар падару модарон дар доғи фарзанд сӯхта, обу адо шуданд. Чӣ қадар арӯсҳо бева монданд, чӣ қадар фарзандҳо ашки талхи ятимӣ ва маҳрумият рехтанд...

Ба афрӯхта шудани оташи ҷанг дар хоки Иттиҳоди Шӯравӣ 80 сол, ба Ғалабаи бузург бештар аз 76 сол гузашт, вале тавре ба назар мерасад, ҷароҳатҳо ҳанӯз шифо наёфтаанд.

Дар чорабинӣ қабл аз «дақиқаи сукут» мактаббачагон аз достони «Ҷаноза»-и Роберт Рождественский порча хонданд.




Гаштаю баргашта таъкид ёфт: «Мо даҳшатҳои ҷангро фаромӯш накардаем. Намехоҳем, ки он боз такрор ёбад»...

Ба пойи маҷмӯи «Қабристони бародарӣ» гулдастаҳо гузошта шуданд.

**Мухбири худамон.**

Ба пешвози 85-солагии Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон Ботир Зокиров

# БОТИР ЗОКИРОВ ВА МУСИҚИИ ШАРҚ



Замоне суруди таърихии “Маро бибӯс” (шеъри Ҳайдари Рекобӣ) дар иҷрои Ботир Зокиров машҳур шуда буд. Ӯ бо овози маҳин, оҳанги дилнишин, вале маҳзунона месуруд:

*Маро бибӯс, маро бибӯс,*
*Барои охирин бор.*
*Туро Худо нигаҳ дор,*
*Ки меравам ба сӯйи сарнавишт.*
*Баҳори мо гузашта, гузаштаҳо гузашта,*
*Манам ба ҷустуҷӯйи сарнавишт...*

Оре, таронаҳо дар ҳар ҷо таваллуд мешаванд. Аммо баъзе аз онҳо дар ҷойҳои дигар ватан меёбанд. “Тангои арабӣ” ҳам дар иҷрои ин ҳунарпешаи беназир, донишманди санъати мусиқии Шарқ, асосгузори эстрадаи ӯзбек, Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон Ботир Зокиров дар Шарқу Ғарб доман густурда буд. Имрӯз иҷрогарони ин суруд зиёданд, аммо нафаре мисли Ботир Зокиров бо маҳорати том ва аз дил хонда наметавонад.

Соли 1996. Ман ба шуъбаи гуфторҳо барои Эрони радиои байналмилалии Тошканди Ширкати телевизион ва радиои Ӯзбекистон ба кор даромадам. Ин радио аз соли 1947 ба кор сар карда, солҳои истиқлол ба 16 забони Шарқ барномаҳо пахш менамуд. Яке аз шартҳои кор дар он таҳия намудани гуфтор барои ҳар як кишвари хориҷӣ ба забони он давлат, албатта бо назардошти робитаҳои иқтисодӣ ё фарҳангӣ бо Ӯзбекистон буд. Ман, ки мухлиси таронаҳои Ботир Зокиров будам, ба таҳияи гуфторе дар бораи ӯ ва мусиқии Шарқ оғоз кардам. Гӯяндаи собиқадори шуъба шодравон Шавкатхонум Гударзӣ гуфтанд, ки Ботир Зокиров барои тайёр кардани таронаҳои эронӣ, хусусан “Маро бибӯс” борҳо ба ӯ, инчунин ба корманди дигари бахши форсӣ Борис Брейва ва санъатшиноси маъруф Дилбар Рашидӣ дар масъалаи услуби забон ва талаффузи калимаҳо муроҷиат карда будааст. (Воқеан, ба яке аз қартаҳои овози Ботир Зокиров номи Дилбар Рашидӣ ҳамчун муҳаррир қайд шудааст. Дилбар Рашидӣ (руҳашон шод бод!) ҷияни Мутал Бурҳонов буданд. Шоир Абулқосим Лоҳутӣ, ки зуд-зуд меҳмони М.Бурҳонов мешуд, бахшида ба ӯ “Дилбари мо” ном шеъре ҳам навиштааст).

Барои тайёр кардани гуфтор китоби нависанда Ашӯралӣ Ҷӯраев бо номи “Юрак бўронлари” ба ман хеле кор дод. (Ин китоб соли 2016 бознашр шуд). Сипас, ба суҳбати донишманди адабиёти Шарқ Дилбар Рашидӣ шитофтам. Хонум Дилбар гуфтанд, ки Ботир Зокиров ба маъно ва талаффузи ҳар як калима эътибори ҷиддӣ медод. Ҳар калимаро борҳо такрор намуда, “ҳифз” менамуд. То ба забони асл монанд нашавад, машқро давом медод.

Ҳамин зайл, гуфтори ман барои шунавандагони шуъбаи форсии радио анҷом ёфт. Баъди пахши он аз Эрон номаҳо расиданд. Ин чакидаест аз эътирофи ҳунари санъаткори беҳамто дар бобати иҷрои таронаҳои форсию тоҷикӣ. Баъдтар бо тадқиқи репертуари тоҷикии Ботир Зокиров ҷиддӣ машғул шудам. Таронаҳои тоҷикии ӯ тақрибан 10-тоанд: “Эй сорбон”, “Муҳаббат омаду олам дигар шуд” (Оҳанги Зиёдулло Шаҳидӣ), “Хуршеди ман”, “Ҷудоӣ”, “Эй маҳтоб” ва ғайраҳо.

Муаллифи суруди машҳури “Раъно” оҳангсози маъруф Икром Акбаров дар ёддоштҳояш нақл мекунад, ки таронаи “Эй сорбон” ҳангоми дар шифохонаи Маскав муолиҷа гирифтани ҳофиз офарида шудааст. “Он рӯзҳо, – менависад ӯ, – вай ба ҷарроҳии дуюм тайёрӣ медид. Аммо фақат боисрор “Биёед, кор кунем” мегуфт. Баъзан рӯзҳои шанбе ва якшанбе ба хонаам омада, таронаро барои сабти қарта тайёр мекардем. “Эй сорбон” ҳамин тавр тайёр шуд. Ӯ то ба мувофиқати пурраи ҳар як калима ба оҳанг машқро бознамедошт”. Машраб Бобоев бесабаб нанавиштааст, ки “Намояндаи як миллат санъати миллати дигарро чун асл иҷро карданаш хеле мушкил. Аммо ҳангоми садо додани “Эй сорбон” дар иҷрои Ботир Зокиров машаққати биёбонро мекашид, агар фарангӣ хонад, армонҳоро фаромӯш намуда, ба рақс медаромад”...

Дӯстдорони санъат медонанд, ки сурудҳои ҳиндиву покистонӣ (урду) дар репертуари ӯ чӣ гуна нақши муҳим доштанд. Ӯ бо хоҳараш Луиза таронаи “Мечали, мечали”-ро бо маҳорати баланд иҷро кардааст.

Аммо мутахассисон ва мухлисон дар бораи “Тангои арабӣ”-и вай бисёр ҳарф мезананд. Ин суруд бори аввал соли 1957 дар фестивали ҷавонон ва донишҷӯёни дунё садо додааст. Баъдтар дар Фаронса, Арабистони Саъудӣ ва дигар кишварҳо иҷро шудааст. Мегӯянд, ки яке аз ихлосмандони ин тарона кайҳоннаварди нахустини дунё Юрий Гагарин буд. Инчунин адиби бузурги турк Нозим Ҳикмат шайдои сурудаҳои вай будааст. Таронаҳои туркиаш низ ба шуҳрати ӯ афзудаанд.

Хулоса, Ботир Зокиров на фақат таронаҳои ӯзбекиро дар жанри эстрада ба дараҷаи баланд иҷро кард, дар айни вақт ӯ аз тарғибгарони фаъоли таронаҳои халқҳои дигари Шарқ ҳам будааст. Агар бо таъбири устод Ҷӯрабек Муродов гӯем: “Ботир Зокиров барои мо шарқона сурудан, одоби сарояндагӣ ва дӯстии бузургро мерос гузошт”.

Мутаассифона, имрӯз ин гуна муносибати масъулиятомезона, ҳангоми иҷрои сурудҳои халқҳои дигар дар фаъолияти овозхонҳои ҷавон чандон ҳис намешавад. Баъзеи онҳо мазмуни матни сурудро надониста, ҳар гунае, ки ба самъашон нишастааст, иҷро мекунанд. Ва ин ҳол фақат нисбати таронаҳои эстрадӣ мушоҳида намешавад. Баъзан талқини маънои шеъру ғазал будани таронаро фаромӯш мекунанд. Боре худ гувоҳ шудам, ки дар як “оши наҳор” овозхони номии ӯзбек таронаи “Ушшоқи Содирхон”-ро (ғазали Абдураҳмони Ҷомӣ) бо хатоҳои дағал мехонд, ки бахшиданӣ нест, чунончи, ба ҷойи ибораи зебои “сарви болоро” “сарви балоро” мегуфт...

Оре, Ботир Зокиров мактаби ба худ хоси сарояндагӣ созмон дод. Сурудаҳои ӯ аз қалби на фақат мардуми ӯзбек, балки мардуми Шарқ ҷой гирифта, сазовори эътироф гардидаанд. Аз ин рӯ, бино ба қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи васеъ ҷашн гирифтани 85-солагии таваллуди Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон Ботир Зокиров” аз 2-юми декабри соли 2020 гузаронидани тадбирҳо, ташкили мактаби олӣ ба номи вай, осорхона ва дигар амалҳои хайр барои боз ҳам оммавӣ шудани мероси ӯ, хусусан, дар рӯҳи арзишҳои миллию умумиинсонӣ тарбия намудани ҷавонон омили муҳиму таъсирбахш хоҳад шуд.

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ.**

*Нома ба рӯзнома*

# КИТОБ МЕХОҲЕМ, КИТОБИ БИСЁРИ ТОҶИКӢ

***Мо як гурӯҳ омӯзгорони мактаби миёнаи умумии рақами 67-уми ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё ва сокинони деҳаи Ҷавзи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Кӯҳсор»-и ноҳияи мазкур бо камоли эҳтиром ва арзи сипос ба рӯзномаи дӯстдоштаю азизамон «Овози тоҷик» муроҷиат мекунем.***

Ба ҳамагон аён аст, ки аз солҳои аввали давраи нави Ӯзбекистон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти халқ ислоҳоти куллӣ ба амал бароварда мешаванд. Хусусан, солҳои охир ислоҳот вусъати тоза ёфта, натиҷа ва комёбиҳои оламшумул ба даст омаданд, ки соҳаи таълими миёнаи умумӣ аз ин мустасно намебошад. Дар солҳои охир танҳо дар чор деҳаи мутааллиқ ба ҷамоати шаҳрвандони «Кӯҳсор» аз тарафи давлат чор мактаби нави замонавӣ сохта, бо тамоми таҷҳизоташ ба истифода супурда шуданд.

Албатта, мо аз чунин ғамхориҳои сарвари давлат бениҳоят сипосгузорем. Дар баробари ин, азбаски дар ҳамаи мактабҳои рақами 67, 68, 88 ва 60-ум таҳсил ба забони тоҷикӣ сурат мегирад, эҳтиёҷ ба адабиётҳои бадеии тоҷикӣ хеле зиёд аст. Табиист, ки барои баргузор намудани маҳфилу озмунҳои «Дӯстдорони китоб», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва монанди ин ба миқдори зиёд адабиёти бадеӣ, илмию таърихӣ лозим мешавад. Аз ин лиҳоз, вақте шумораи адабиётҳои мазкур ва ғайридарсӣ тариқи зайл аст: дар мактабҳои рақами 67 – панҷ дона, 88 – ҳашт дона, 68 – чил дона, 60 – бист дона оё метавон ягон хел маҳфил ва ё озмуни китобхонҳоро баргузор кард?

Шумораи хонандагони мактабҳои рақами 67 – 337 нафар, 88 – 330 нафар, 68 – 581 нафар, 60 – 270 нафарро ташкил менамоянд. Шумораи умумии омӯзгорони ин мактабҳо зиёда аз 150 нафар аст. Аҳолии ҶШМ «Кӯҳсор» зиёда аз 5800 нафар мебошад.

Дархости мо ҳамин ки барои ҳаллу фасли масъалаи зикргардида, яъне таъмини мактабҳо бо китобҳои бадеии тоҷикӣ кӯмак расонда шавад.

**Ҷумъамурод ГАДОЕВ,**
**Аҳтам НОРҚУЛОВ,**
**Сафармурод НОРОВ,**
**Тӯхтамурод АЛИЕВ,**
**Равшан МАВЛОНОВ ва боз 55 нафар омӯзгорон.**
*Ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё.*



*Имрӯзҳо ба ҷавонони илмдӯсту боғайрат имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст. Махсусан, ҷавононе, ки мунтазам бо варзиш шуғл меварзанд, забонҳои хориҷиро мукаммал аз худ мекунанд, имтиёзҳо тақдим мегардад, ки он боиси боз ҳам баланд бардоштани малака ва шуҷоат мегардад.*

*Дар мактаби таълими умумии рақами 5-уми ноҳияи Навбаҳори вилояти Навоӣ 860 нафар хонанда таълим мегирад. Соли ҷорӣ 73 нафар хонанда онро хатм намуда, 4 нафари онҳо имкони пеш аз муддат ба талабаи мактаби олӣ шудан ноил гардиданд.*

*Омӯзгори фанни забону адабиёти ӯзбекӣ Фирӯза Умарова ва муаллими фанни забони русӣ Очил Бобоқулов аз беҳтарин китобхони педагогӣ ба шумор мераванд. Ба муваффақиятҳое, ки хонандагон дар мактаб комёб мегарданд, саъю ҳаракат ва саҳми устодони фидоии номбурда назаррас аст.*

***Дар сурат:** дар мактаби таълими умумии 5-уми ноҳияи Навбаҳори вилояти Навоӣ.*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ (ЎзА).***

# ҶАНГ ДАР ТАҚДИРИ УСМОН ЮСУФОВ

(Аввалаш дар саҳ.3).

### Ҷой медодааст, гуфта...

Дар хонааш ҷой медодааст, Тошканд шаҳри нон будааст, гӯён ҳай меомаданд азаматҳо. Аҳолии Тошканд ду баробар афзуд. Охираш чӣ мешавад?

Ҳамааш хуб мешавад, мегуфт У.Юсуфов, амале карда, ин рӯзҳоро пас гузорем, марра аз они мо.

Вале паси сар кардани он рӯзҳо осон набуд. Мардуми маҳаллӣ, ки ба душвориҳо нигоҳ накарда, «омада»-ҳоро меҳўронду мепӯшонд, баъзан ҷабри онҳоро мекашид. Кисабурӣ, дуздӣ, авбошӣ авҷ гирифта буд.

Тошканд ба шаҳри бедарвоза табдил наёфт?

– Рафиқ Юсуфов, Тошканд аз «элементҳои нодаркор» пур шуда рафт, эшелонҳоро ба дуртар гуселонем намешавад?

– Ба куҷо? – оташ мегирифт У. Юсуфов. – Ба папаи Рим?

Ва ӯ дарҳол худро даст гирифта, ҳамкоронро ба вазнинӣ даъват месохт. Ин ҳама аз тақозои шароит ва муваққатӣ буданашро мефаҳмонд.

Кадоме: – Ҳамин таврқуя, – лаб кушод бо табассум. – Ҷанг рафта истодааст гӯянд ва омадан гиранд, рӯзе кабинетро ҳам холӣ карда, дар кӯча намемонем?

У. Юсуфов ҷиддӣ буд:

– Идораҳоро якҷо мекунем. Курсиҳоро ба роҳрав бароварда, ҳеҷ не як хонаро холӣ мекунем, капаҳои муваққатӣ месозем.

– Капаҳо месозем?

– Барои мудофиа зарур шуда монад бинои Шӯрои комиссарони халқ ва КМ-ро низ барои мувофиқсозӣ ба заводи ҳарбӣ пешкаш мекунем!

### Ман арз мекунам

Ба ҳар кор вақт меёфт, вале барои эҳтиёт кардани саломатӣ фурсат надошт гӯё.

Тирамоҳи соли 1944, душман аз сарҳадҳои мо дур андохта шудааст, вале ғаму ташвишҳо мисле ҳамон беҳудуд. Дар бюрои навбатии КМ котиби якум баногоҳ худро бад ҳис кард ва афтид.

Доктори илмҳои тиббиёт Катсенович чун узви хонадон ба У. Юсуфов ғамхорӣ менамуд. Лекин ин дафъа, чун се-чаҳор рӯз гузашта-нагузашта котиби якум дар роҳрав намудор гашт, вай якбора шӯрид:

– Ман арз мекунам. Бинобар котиби КМ будanaтон дилхоҳамро мекунам, мегӯед аз афташ. Андак дам гирифтан, ба меъёри муолиҷа риоя кардан даркор-ку?!

Бо вуҷуди қадпаст ва фарбеҳӣ чолокии роҳбар ҳаваси ҳамаро меовард. Ба бистарӣ шуданаш чӣ сабаб гашт?

– Беҳтараш вақти касалшавӣ нест, гӯён коҳиш кунед. Уфф, ин касофат аз куҷо часпид?

– Балки дар Бекобод, балки дар Фарҳодстрой, – гуфт профессор. – Лекин касалӣ не, худамон айбдор. Аъзои бадан низ вубол аст...

### Беҳтарин мукофот

У. Юсуфов бо 6 ордени Ленин, 2 ордени Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст. Боз як мукофот дошт ӯ – ордени Ҷанги ватании дараҷаи якум.

Баъде арбобони намоёни давлатию ҷамоатӣ аз дунё гузаштанд, орден ва мукофотҳояшонро рӯи болинчаҳои махмалин бардошта мебурданд. Аз паси тобути У. Юсуфов низ ин таомул риоя гашт: дар як болинча – орденҳои дар боло зикршуда, дар дувумаш – ордени Ҷанги ватанӣ.

Ордени Ҷанги ватанӣ ба марҳум чӣ гуна қадр дошт, омма мефаҳмид: нигоҳҳо сӯи ҳамон болинча. Дар қалбҳо як эҳсос: «Раҳматӣ ҷанговари ҳақиқӣ буд. Ба ҳамин орден арзанда!»

**М. ШОДИЕВ.**

*Шоҳмот*

# ҒОЛИБОНИ МАРҲИЛАИ ВИЛОЯТӢ

***Ба қарибӣ дар Бухоро марҳилаи вилоятии мусобиқа оид ба шоҳмот байни ҷавонон ба амал омад.***

Ин қувваозмоиҳо вобаста ба синну сол дар ду тоифа: 6-18-солаҳо ва 19-30-солаҳо сурат гирифт. Бинобар натиҷаи мусобиқаҳо байни духтарони то 18-сола ғолибӣ ба намояндаи ноҳияи Бухоро Мадина Тӯхтаева ва байни писарони ҳамин синну сол ба ҳамдиёри вай Шоҳиҷаҳон Сайфуллоев, инчунин байни 19-30-солаҳо болодастӣ ба шоҳмотбоздухтар аз шаҳри Бухоро Шаҳноза Очилова ва байни писарон ба вакили ноҳияи Шофиркон Мирзобек Гадоев насиб кард. Ҳамин тариқа, ин ғолибон ба мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# МАКТАБЕ ДАР ХУФАР

Мактаби таълими умумии рақами 8-ум, ки дар деҳаи Хуфари ноҳияи Сариосиё ҷойгир шудааст, таърихи ғанӣ дорад. Сараввал ин таълимгоҳ аз соли 1926 то соли 1938-и қарни гузашта ҳамчун мактаби ҳафтсола фаъолият доштааст. Оғоз аз соли 1938 бошад, то соли 1947 ҳамчун мактаб-интернат фаъолият намудааст.

18 майи соли 1997 ба муносибати 70-солагии ин даргоҳи муқаддас чорабинии хотирмон баргузор шуда буд. Дар ин рӯзи пурфараҳ аз ҳар ҷо дастпарварону шогирдони ин таълимгоҳ ҷамъ омада буданд.

Мактаби мазкур ҳамчун маскани илму дониш дар арзи солҳои зиёди фаъолият бисёр шогирдони асилу соҳибилмро тарбия намуда, ба камол расонидааст, ки имрӯзҳо дар соҳаҳои гуногун кору фаъолияти пурсамар доранд. Чунончи, доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Аскаралӣ Раҷабов, номзади илми тиб Саидафзал Бобоев, номзади илмҳои филологӣ Анзурат Маликова ва Назира Мамадқулова, устоди Донишгоҳи тиббӣ Фазлиддин Қаландаров, ҳамчунон Ҳошимҷон Шукуров, Қурбонмурод Иброҳимов, Иброҳим Халилов, Илҳом Хидиров, шоир Абдуалӣ Ғафур ва даҳҳо нафарони дигар дар ҳамин деҳа таваллуд ёфтаанду имрӯзҳо ифтихори мо – хуфариён мебошанд.

Ҳоли ҳозир дар ин таълимгоҳ 690 нафар хонанда таҳсил мегирад ва ба онҳо устодони ботаҷриба сабақ меомӯзанд. Роҳбарии ин мактабро омӯзгори ҷонфидо Тӯхтамурод Каримов ба ӯҳда дорад.

Камина низ зодаи ин деҳаи зебоманзар буда, алҳол бо ин диёру мардумонаш ифтихор дорам. Суханони худро бо ин мисраъҳои шоир ба итмом расонида, боварии зиёд дорам, ки минбаъд низ дар деҳа фарзандони соҳибилму соҳибиқтидор ба камол хоҳанд расид, ки хидматгори халқу Ватан хоҳанд шуд:

*Ҷон кунам шайдову қурбонат Хуфар,*
*Ҳамчу қурбони азизонат Хуфар.*
*Об чандон гар хӯрам ҷойи дигар,*
*Ташнаам бар чашмасоронат Хуфар.*

**Фарзона ҲАМИДЗОДА,**
**донишҷӯи бахши тоҷикии факултаи филологияи ДД Тирмиз.**

***Дар мулоқоти ҳокимони ду вилояти ҳамҷавор – Фарғона ва Боткент ин масъала матраҳ гардид. Зимни боздиди Хайрулло Бозоров ва ҳамтои қирғизи ӯ – Абдукарим Алимбоев аз боғи истироҳати Шоҳимардон онҳо бо аҳолии ин минтақаи вилояти Фарғона, ки дар иҳотаи марзи Қирғизистон аст, дидору гуфтугӯ анҷом доданд.***

# ШОҲИМАРДОНИҲО БО АВТОБУС БА МАНЗИЛ МЕРАСАНД

– Ҳадафи асосии мо рушди сайёҳӣ мебошад ва дар ин раванд Шоҳимардон набояд дар канор монад. Зеро риштаҳои дӯстиву рафоқати миёни ӯзбекону қирғизҳо беш аз пеш мустаҳкам мегардад ва муносибатҳо дар соҳаҳои гуногун таҳким дода мешаванд, – гуфт Хайрулло Бозоров.

Вай афзуд, ки аз меҳвари тамошову саёҳати чунин табиати зебо дур мондани ин маскан ҳаргиз ба манфиати кор нест.

– Иродаи сиёсии Президентон Шавкат Мирзиёев ва Садир Ҷабборов маҳз ба кушодани марз ба рӯи ҳамдигар, ривоҷ додани робитаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ равона шудааст. Ҳоло, ки мавсими нави сайёҳӣ шурӯъ мегардад, бояд коре кунем, ки мардум аз мо розӣ бошанд, — тазаккур дод Хайрулло Бозоров.

Микроавтобусҳои мусофиркашон дар хизмати онҳо қарор хоҳанд гирифт. Онҳо метавонанд масофаи байни Фарғона ва Шоҳимардонро, ки аз қаламрави ноҳияи Қадамҷои вилояти Боткент мегузарад, тавассути ҳамин микроавтобусҳо тай кунанд.

**Зиёда НАҶИМОВА,**
**масъули дафтари матбуоти Садорати наклиёти вилояти Фарғона.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 819, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.